«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори муассисаи давлатии
«Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон» номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент
________________Сафарзода Д.Ҷ.
«__16__» ______________ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Мавзуи таҳқиқотии Юсуфиён Манзураи Мансури ба яке аз марҳилаҳои муҳим ва ҳассоси таърихи минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон – ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон – бахшида шудааст. Омӯзиши сохтмони муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар давраи Шуравӣ, ки як ҷузъи муҳими системаи фаъолияти давлати Шуравӣ дар самти мубориза бо бемориҳои сироятӣ суръати тоза гирифт, вазъи муассисаҳои тиббии минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) аҳамияти назаррас дошта, таҳқиқи масъалаи мазкур холигии илмиро дар ин самт пурра менамояд. Дар шароити муосир, ки эҳёи чунин муассисаҳо таҳкими пешрафти илми тиб, қарор дорад, чунин таҳқиқот аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ саривақтӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки мувофиқи суратмаҷлиси №2, аз санаи 01.08.2025 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) Муассисаи давлатии таълимии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҳамчун муассисаи пешбар барои диссертатсияи унвонҷӯ Юсуфиён Манзураи Мансури таъин намуд.

Диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», протоколи №2... аз 16, сентиябри соли 2025 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар бахши муқаддимавии диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро хеле муътақидона асоснок намудааст. Таърихи тиб қисми ҷудонашавандаи таърихи ҷомеа мебошад, зеро вай дар худ рушду инкишофи илм, ихтироъкорӣ, ҳолати саломатии одамон ва сабабҳои афзоиш ва пастшавии аҳолиро таҷассум мекунад.Аммо мубориза бар зидди касалиҳои эпидемикӣ низ дар замони Шуравӣ роҳи ҳалли худро пурра наёфта буд. Маҳз ҳамин сиёсати асосии ба минтақа омадани мутахассисони дигар вилояту ҷумҳуриҳо дар хуруҷи бемориҳои сироятӣ ва нарасидани кадрҳои маҳаллӣ буд, ки мубориза бо паҳншавии бемориҳоро боз ҳам душвор мекард. Аз ҳамин лиҳоз сиёсати давлати шуравӣ дар давраи минбаъдаи солҳои 1970-1991 ба таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ ва омода кардани мутахассисони соҳаи миёна дар омӯзишгоҳҳо ва коллеҷҳои тиббии Тоҷикистон ба миён гузошта шуд. Барои равшан намудани ин масъала мо таърихи пурраи онро дар гузашта ва дар давраи оғози воқеии ташаккули он бояд донем.

Масъалаи таъмини мутахассисон дар солҳои баъдиҷангии 50-60-уми асри XX соҳаи тибби вилояти Қӯрғонтеппа аз ҳисоби мутахассисони нав пур гардид, ки бо тамомшавии ҷанг ба ин минтақа фиристонида шуданд.

Аксари муаррихони асри XX ба масъалаи дар Тоҷикистон таҳқиқотҳои илмӣ дар бораи таърихи тиб дар солҳои 90-уми асри XX ба роҳ монда шуда буданд..

Дар навбати худ сиёсати шуравӣ дар соҳаи сохтмони соҳаи тиб дар шароити хеле душвор оғоз гардид. Таъсис додани системаи тибби замонавӣ ба давраи ҷанги гражданӣ рост омад ва ин кори табибонро боз ҳам душвор мегардонд.

Агар мо таҳлилҳои рушди тибро дар ин давра аз назар гузаронем бараъло мушоҳида мекунем, ки он шакли муташаккилона дошт ва бо тамоми қоидаҳои маъмурӣ ба роҳ монда шуд. Илова бар ин соҳаи тиб ба як системаи бузурги умумидавлатӣ мубаддал гардид ва аз як марказ – аз Комитети ичроияи марказии давлати Шуравӣ роҳбарӣ мешуд. Далел аз ин мутамарказии идоракунии тиб дар он буд, ки мутахассисонро ба минтақаи Осиёи Миёна бо роҳхати Вазорати тандурустии давлати Шуравӣ мефиристонданд.

**Дараҷаи асоснoккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Дар ин тақриз, дараҷаи асоснoккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар қисмати гузоришҳои илмӣ муаллиф, Юсуфиён Манзураи Мансури тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ, таҳқиқоти қаблӣ ва маводи бойгонӣ ба таври мушаххас муаррифӣ намояд. Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои муътабар, дар заминаи методологияи таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки дар рафти он маълумотҳои зиёд дар бораи таърихи тибби Тоҷикистон, ки то ба ин дам таҳқиқ нашудаанд, ҷамъоварӣ гардида дар шакли рисолаи илмӣ ба тасвиб расонида шуданд. Инчунин рисолаи мазкур аҳаммияти методологӣ дорад, ки барои таҳқиқотҳои минбаъда роҳҳои таҳқиқ ва усулҳои корро нишон додааст.

Муаллиф дар муаррифии масъала аз доираи васеи адабиёти илмӣ истифода бурдааст, аммо ин муҳиммият танҳо аз мавқеи сиёсӣ дар Тоҷикистон баррасӣ мегашт ва ҳанӯз ҳам аз ин бахш баррасӣ мегардад, ба таври возеҳ нишон додааст. Гузоришҳои овардашуда бо далелҳо ва

иқтибосҳо аз манбаъҳои мӯътабар тасдиқ шудаанд, ки ин ба эътимоднокии онҳо мусоидат мекунад.

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот асос ёфтаанд. Хулосаҳо ба таври мантиқӣ аз натиҷаҳои таҳлили маълумотҳои ҷамъовардашуда бармеоянд. Муаллиф тавонистааст вазъи масъалаи амалӣ ва назариявии вобаста ба вазъияти давраи солҳои 20-уми асри XX дар рисола бори аввал қаҳрамонии табибони он давра дар хусуси мубориза бо бемориҳои сироятӣ таҳлил гардида, нақши табибони ҳарбӣ дар таъсиси тибби муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Хулосаҳо мушаххас ва ба саволҳои дар ибтидои таҳқиқот гузошташуда ҷавоб медиҳанд.

Қисмати пешниҳодҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ хулосаҳои амалӣ баровардааст. Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои ба дастомадаи он метавонад ба раванди танзими муҳоҷирати берунии меҳнат, навиштани корҳои дипломӣ дар мактабҳои олӣ, таҳлили китобҳои дарсӣ ёри диҳад ва истифода бурда шавад.

Хулоса, диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури як кори илмии ҷиддӣ ва саривақтӣ буда, дар он гузоришҳои илмӣ ба таври умум асоснок ва хулосаҳо ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқ мебошанд. Пешниҳодҳои овардашуда аҳамияти баланди имлӣ дорад. Диссертатсияи мазкур сазовори таваҷҷӯҳ буда, метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳим барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт хизмат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Мавзуи пешниҳодшавандаи корӣ дисертатсионӣ аз руйи ном ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар таърихнигории тоҷик мутлақо нав ва дар қаламрави ИҶШС таҳқиқнаёфта мебошад. Матни пешниҳодшаванда норасоиҳои мавҷударо дар омӯзиши масъалаи таҳқиқи давраи аввали таъсисёбии системаи тибби замонавӣ дар Осиёи Миёна - аввали солҳои 20-уми асри XX омӯзиши васеи тибби Осиёи Миёнаро тақозо мекунад, зеро ин давра марказҳои калонтарини ёрии тиббӣ дар шаҳри Тошкент ҷойгир шуданда пурра месозад. Натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи мавзуи мазкур навгониҳои зиёдеро рӯйи кор овард, ки дар рушду ташаккули илми таърихи ватанӣ таъсири мусбат мерасонад.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос

ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар асоси сарчашмаҳои бойгонии тамоми самтҳои ҳокимият, ҳизб, созмонҳои ҷамиятӣ ва муассисаҳои истеҳсоли, ки бо ташаккулёбии муассисаҳои тиби минтақаи Қурғонтеппа алоқаманданд. Маводҳои бойгонии Комиссия ва Комитет оид ба беҳбудии фаъолияти шабакаҳои тиббӣ дар минтақа назди Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон, ки онҳоро то ҳол ягон кас истифода набурдааст ва ба интелегентсияи илмӣ қариб маълум нестан, инчунин ҳангоми омода сохтани маводи таълимӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Чи тавре ки маълум аст, масъалаи рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа то соли 1924 дар ҳайати Русияи Шуравӣ, ҶМШС Туркистон, ҶХШ Бухоро ва ИҶШС баррасӣ мегардид.

Сохтмони аввалин муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1924-1940, Вазъи муассисаҳои тиббии минтақаи омӯзиш дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), Таъсиси минбаъдаи муассисаҳои ноҳиявии тиббӣ ва рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1946-1959, Таърихи фаъолияти шабакаҳои тиббӣ дар минтақа дар солҳои 1960-1974, Рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1975-1991-ро дар бар мегирад.

Масъалаи таърихи тиб қисми ҷудонашавандаи таърихи ҷомеа мебошад, зеро вай дар худ рушду инкишофи илм, ихтироъкорӣ, ҳолати саломатии одамон ва сабабҳои афзоиш ва пастшавии аҳолиро таҷассум мекунад. Таҳқиқоти таърихи соҳаи тибби минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон аз ҷиҳати хронологӣ аз давраи ғалабаи Инқилоби сотсиалистии Октябр - дар соли 1917 оғоз гардида то соли 1991 -ро дар бар мегирад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ.** Саҳми шахсии унвонҷӯ Юсуфиён Манзураи Мансури, дар анҷом додани диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» хеле назаррас ва муҳим арзёбӣ мегардад. Муаллиф як қатор вазифаҳои асосиро мустақилона иҷро намудааст, ки ба сифат ва арзиши илмии рисола таъсири мусбат расонидаанд. Аз ҷумла, муайян кардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби мавзуъ ва пешниҳоди

масъалаҳои муҳимми таҳқиқот нишон медиҳанд, ки унвонҷӯ дар марҳилаҳои аввали таҳқиқот ташаббускор ва мустақил буда, самти кори илмии худро муайян кардааст. Таҳлил ва пешниҳоди маълумоти бадастомада низ аз ҷумлаи саҳми муҳими муаллиф мебошад, ки қобилияти таҳлилӣ ва мустақилияти фикрии ӯро нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар 7 интишороти муаллиф инъикос шудаанд, ки аз онҳо 6 мақолаи илмӣ (2 мақола дар алоҳидагӣ) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро ташкил медиҳанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури дар ҳаҷми 211 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт таҳия гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи сарчашмавии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **“Таърихи барқароршавӣ ва рушди муассисаҳои аввалини тиббӣ дар минтақаи Қурғонтеппа”** аз ду зербоб иборат аст. Аз таърихи тибби қадими халқи тоҷик, Сохтмони аввалин муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1924-1940 баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия тавре ки аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, дар гузашта вазъият дар Бухорои Шарқӣ, ки як қисми хонигарии бухоро буд, махсусан вазнин буд. Пас аз инқилоби халқӣ он ба ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Халқии Бухоро (ҶШХБ) дохил шуд. Дар ин қаламрав дар солҳои 20-уми асри XX гурӯҳҳои босмачиён ба ғорату бедодгарӣ машғул буданд. Барои нест кардани босмачиҳо Артиши Сурх кӯмаки калон мерасонд.

Аз ин лиҳоз мо зарур шуморидем, ки таърихи тибро аз давраи солҳои 20-ум, яъне аз замони таъсисёбии Ҳокимияти Шуравӣ дар водии Вахш оғоз намоем. Барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ дар водии Вахш аз рӯзи 20 –уми майи соли 1921 оғоз мешавад. Дар ин рӯз, полкҳои 6-ум ва 52 - юми Артиши сурх ба шаҳри Қӯрғонтеппа дохил шуда, онро ба зери

тасарруфи худ дароварданд ва сохторҳои ҳокимияти маҳаллиро дар шаҳру ноҳияҳои атрофи он созмон доданд. Онҳо минтақаи Қўрғонтеппаро расман вилоят номиданд ва ҳамчун туман ба ҳайати Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (ҶХШБ) дохил карданд. Соли 1922 аввалин интихоботи мақомоти халқии маҳаллии вилояти Қўрғонтеппа гузаронда шуда, дар интихобот Кумитаи Иҷроияи мақомоти ҳукумати вилоят интихоб карда шуд. Дар ҳайати кумита шуъбаи тандурустии вилоятӣ низ таъсис дода шуд. Дар ин давра дар минтақаи Қўрғонтеппа духтурони касбӣ ва муассисаҳои тиббӣ набуданд. Табибони касбӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Қўрғонтеппа асосан солҳои бистуми асри XX, дар ҳайати Артиши Сурх омадаанд.

Боби дуюми диссертатсия **“Вазъи муассисаҳои тиббии Қурғонтеппа дар солҳои пеш аз ҷангӣ ва баъди ҷангӣ (1940-1959)** ном додшта аз ду зербоб иборат мебошад. Вазъи муассисаҳои тиббии Қўрғонтеппа дар солҳои Ҷанги Бузурги ватанӣ ва рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қўғонтеппа дар солҳои 1946-1959 мавриди таҳқиқот қарор гирифта шуд.

Дар боби мазкур оварда мешавад, ки ҳанӯз дар солҳои 40-ум беморхонаи вилоятии Қўрғонтнппа нақшаи бо табибон пурра намудани мутахассисонро таҳрези намуд. Шумораи табибони соҳаи миёна бо меъёри 372 нафр буд, ки дар вилоят фақат 151 нафари онҳо кор мекарданд. Пурра нагардидани соҳа бо кормандони баландихтисос бо рафтани кадрҳо аз вилоят алоқаманди дошт.

Муаллиф менигорад, ки дар солҳои аввали баъдиҷангӣ бо сабасби суст шудани назорати беҳдошти саломатӣ ва сари вақт муолиҷа накарданги кўдакони бемор, дар қаламрави шаҳр ва ноҳияи Қўрғонтеппа бемориҳои кўдакона, бахусус бемориҳои сироятӣ ниҳоят афзуда буданд.Сохтани бинои нави беморхона барои кўдакон яке аз масъалаҳои муҳиму рўзмарраи замон буд, зеро фавтидани кўдакони навзод хеле зиёд гардид.Бояд гуфт, ки хуруҷи бемориҳои сироятӣ хоси танҳо тоҷикистон набуд.

Дар хулосаи ҳамин боб бояд қайд намоем, дар солҳои 50-60 уми асри XXдар муқоиса бо давраи солҳои 30-40-ум некуаҳволии мардум афзуда, хизматрасонии тиббӣ боз ҳам беҳтар гардид. Аввалин мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ ки дар ин давра ба соҳаи тиб ба кор омаданд, ба омўзиши бемориҳои маҳаллӣ диққати бештар додандва роҳҳои нави табобати ин бемориҳоро пайдо мекарданд.

Боби сеюми диссертатсия **“Ташкил намудани мақомотҳои тиббӣ дар минтақаи Қўрғонтеппа дар солҳои 1960-1991** низ аз ду зербоб иборат мебошад.

Солҳои 60-уми асри ХХ бо вуруди зиёди табибони миллатҳои маҳаллӣ тавсиф карда мешаванд, ки ин имкон дод, ки кадрҳо, алахусус дар деҳот, хеле зиёд карда шаванд. Дар ин солҳо хадамоти махсусгардонидашуда фаъолона рушд карданд, 6 шуъбаи ёрии таъҷилӣ кушода шуд. Дар ҳамаи ноҳияҳои водии Вахш сохтмони статсионарҳои калон оғоз гардид. Дар солҳои 1962-1963 шабакаи тандурустии деҳот аз нав ташкил карда шуд. Дар заминаи беморхонаҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ беморхонаҳои марказии ноҳиявӣ (БМН) ташкил карда шудаанд, ки роҳбарии ташкилию методии тамоми шабакаи табобатии ноҳияро доштанд. Солҳои 70-уми асри ХХ рушди хадамоти махсуси тиббӣ оғоз гардид. Дар соли 1970 шуъбаи неврологӣ, дар соли 1972 шуъбаҳои ҷарроҳии кӯдакон, травматологӣ, ЛОР ( оториноларингалю-духтури гӯшу гӯлую бинӣ) ва реаниматсия кушода шуданд.

Солҳои 70-ум таъминоти аҳолӣ бо кадрҳои баландихтисоси тиббӣ хеле беҳтар шуд. То таъсисёбии ноҳия духтурони маълумоти олидор ва ботаҷриба дар муассисаҳои тиббӣ кору фаъолият доштанд.

Дар аввали соли 1990 вобаста ба воқеаҳои сиёсӣ дар пойтахти Тоҷикистон ва характери миллатгароии онҳо ба ҳамкории мутахассисони дигар халқу миллатҳо, ки дар Тоҷикистон солҳои тӯлонӣ кор мекарданд, зарари ҷиддӣ расонид. Бо таъсири воқеаҳои феврали соли 1990, ки дар рафти онҳо чандин нафар аз шаҳрвандони русзабон бегуноҳ кушта шуданд, аксарияти мутахассисони рус, ки дар байни онҳо табибон низ буданд, Тоҷикистонро тарк намуданд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия Юсуфиён Манзураи Мансури ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асоснокунӣ дар сатҳи баланди илмӣ- назариявӣ навишта шуда. Ба талаботҳои муқаррароти бандҳои 76-79ва 81 -и “ тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо меъёрҳои забони далатӣ таълиф шуда, ороиши диссертатсия тағийротро талаб намекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Юсуфиён Манзураи Мансури ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси (07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар бобҳои диссертатсия, хосса бобҳои якум, дуюм ва сеюм мувозинат риоя нашудааст, ки ин ба зиёд шудани ҳаҷми диссертатсия боис гаштааст.

2. Дар диссертатсия муҳаққиқ аз таҳқиқотҳои муҳаққиқони соҳа истинод оварда бошад ҳам, мулоҳизаҳои худи муҳаққиқ доир ба ин андешаҳо камтар ба назар мерасанд. Хуб мешуд, ки дар ин бобат андешаҳои худро фарохтар баён медошт.

3. Нишон додани маълумотҳои оморӣ (ҷадвал) дар кори диссертатсионӣ ба ҳайси маводи асосии мавриди таҳқиқ мавқеи асосӣ ва муҳим доранд, лекин на дар ин шакл, ки дар ин кори диссертатсионӣ оварда шудааст. Ҳамчун саҳифаи алоҳида замима мегардид, ҳам саҳифаи диссертатсия ба талабот мувофиқ мешуд, ҳам ҳаҷми замима ба чашм намерасид.

4.Дар кори диссертатсия камбудиҳои техникӣ-имлоӣ пайванд ва як фосила ҷой надодани сархатҳо, суфтакориҳои техникӣ, истифодаи ибора ва истилоҳоти русӣ хатогиҳои имлоӣ чашмрас мебошанд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва осонислоҳ буда, арзиши аслии таҳқиқи диссертатсияро кам намекунанд. Баръакс, таҳқиқоти гузаронидашуда дорои аҳамияти назаррас мебошад ва ба рушди илми таърихи ватанӣ мусоидат мекунад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси (07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илми асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси (07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси (07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

**Тақриз аз ҷониби** Мирзошарифзода И.М номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тартиб дода шудааст.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии муассисаи давлатии «Академияи

идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», протоколи №2, аз 15 сентиябри соли 2025 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 15 - нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 15 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**
Номзади илмҳои таърих, дотсент, декани факултети дипломатия ва сиёсати Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҳмадзода У.Д.

**Эксперт:**
Муаллими калон, котиби илмии ҷаласаи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Муассисаи давлатии «Академияиидоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»

**Котиби илмии ҷаласа:** Алуев А.С.

**Имзоҳои** Маҳмадзода У.Д. ва Алуев А.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

15 09 соли 2025